Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди
«Аудит-Консалтинг»

Republic of Tajikistan
Limited Liability Company
«Audit-Consulting»

735700, Хуҷанд, х. И.Сомонӣ 4, e-mail: auditcons-tj@mail.ru
РМА510015569, РЯМ5110005496

4, I.Somoni str., Khujand city, 735700. e-mail: auditcons-tj@mail.ru
TIN510015569, UIN5110005496

## ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

***Ба Роҳбарияти ҶДММ ТАҚХ «ЗУДАМАЛ»***

*Хулоса*

Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи ҶДММ ТАҚХ «ЗУДАМАЛ»-ро (минбаъд Ҷамъият), ки аз ҳисобот оиди холати молиявӣ ба 31 декабри соли 2022, ҳисобот оиди маҷмуи даромад, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом мерасад ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Ба фикри мо, ҳисоботи молиявӣ, ба истиснои ахбороти дар "Асос барои изҳори ақидаи аудитори" омода шуда, аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии ҶДММ ТАҚХ «ЗУДАМАЛ»-ро ба санаи 31-уми декабри солии 2022, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулйро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад дар мутобиқат бо Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмиллали дуруст инъикос менамояд.

*Асос барои изҳори ақидаи аудитори*

Мо тафтишоти аудиториро мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Аудит гузаронидем. Ӯҳдадории мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисми «Маъсулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ» гузошта шудааст. Мо нисбати Ҷамъият мувофиқи "Кодекси ахлоқ ва одоби аудиторони касбӣ"-и Шӯрои оиди стандартҳои байналмиллалии ахлоқу одоби муҳосибон ва талаботҳои этикӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии моён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таалуқ дорад мустақил ҳастем, ва дигар ухдадориҳоро мувофиқи ин талаботҳо иҷро намудем. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст оварда шуда, барои изҳори ақидаи аудитории мо кифоя ва муносиб мебошад.

*Масъалаи муҳимӣ аудит.*

Масъалаи муҳими аудит-ин масъалае мебошад, ки мутобиқи муҳокимаи касбии мо барои аудити ҳисоботи молиявӣ барои соли ҷори бештар муҳим арзёби ефтаанд. Ин масъалаҳо дар матни ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташакулёбииақидаи мо дар бораиин ҳисобот баррасӣ гардида буд ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

***Ҳисоб намуданиистеҳлоки воситаҳои асосӣ.*** Дар ташкилот барои ҳисоб намудани истеҳлокӣ воситаҳои асосӣТашкилот аз меъёрҳои муққараршудаи Кодекси андоз истифода мебарад, ки он ба талаботи СБҲМ (IAS) 16 "Воситаҳои асосӣ" ваба талаботи баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқ намебошад. Ақидаи мо нисбатиҳодисаҳои мазкур бе тағйир боқи мемонад.

*Масъулияти роҳбарият оиди ҳисоботи молиявӣ*

Масъулият нисбати таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии мазкур мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявиро роҳбарияти Ҷамъият ба ӯҳда дорад. Ин масъулият: тартибдиҳӣ, хориҷкунӣ ва дастгирии назорати дохилӣ, ки бо таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои қаллобӣ ва хатогӣ надошта, интихоб ва истифодабарии муносиби сиёсати ҳисобгирӣ, ва асоснокии баҳодиҳиҳои ҳисобиро дар бар мегирад.

*Масъулияти аудиторон оиди аудити ҳисоботи молиявӣ*

Мақсади мо ба даст овардани боварии устуворе, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷидди бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои мусоҳилакорона надорад, ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ, ки изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии устувор ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳамавақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас, ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда, кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусоҳилакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб мераванд, агар бо асос тахмин карда шавад, ки дар алоҳидаги ё дар маҷмӯ онҳо ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молияви қабул кардашаванда таъсир расонанд.

Дар чорчубаи аудити мувофиқи СБА гузаронидашаванда, мо ақидаронии касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро дар давоми раванди аудит нигоҳ медорем. Ба ғайр аз он:

а) хавфҳои таҳрифи назаррас, ки ҳамчун натичаи хатогӣ ё амалҳои мусоҳилакорона ба миён омадаанд ошкор ва баҳо медиҳем; ҷавобан ба ин ҳавфҳо амалиётҳои аудиториро коркард ва мегузаронем; далелҳои аудитории кифоя ва боъэтимодро ҷам меоварем, ки асоси инъикоси ақидаи мо мегарданд. Хавфи ошкор нагардидани таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи амалҳои мусоҳилакорона муҳимтар аст нисбат ба хавфи ошкорнашудаи таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи роҳ додани хатогиҳо, зеро амалҳои мусоҳилакорона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, амали қастдан ба назар нагирифтан, таҳрифи ахбороти пешниҳодшуда ё амали хилофи системаи назорати дохилиро дар бар гирад.

б) системаи назорати дохилӣ, ки барои аудит бо мақсади таҳия намудани тартиботи аудиторӣ барои ҳолатхои мувофиқ аҳмият дорад меомӯзем, аммо на бо мақсади инъикоси ақида оиди самаронокии системаи назорати дохилии шахси тафтишшаванда;

в) ба дурустии сиёсати ҳисобгирии истифодашаванда, асоснокии баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва ба эзоҳдиҳии мувофиқи ахборотҳо, ки аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда тайёр карда шудааст, баҳо медиҳем;

г) оиди дуруст истифодабарии фарзкунӣ нисбат ба фаъолияти бефосила аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда хулоса мебарорем, ва дар асоси далелҳои аудитории гирифташуда оиди мавҷуд будани номуайяниҳои назарраси бо воқеа ё шартҳое, ки дар натиҷаи онҳо шубҳаҳои ҷидди нисбати қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи шахси тафтишшаванда пайдо мегарданд, хулоса мебарорем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайяниҳои назаррас ошкор намоем, мо бояд диққатро дар хулосаи аудитории худ ба эзоҳи ахбороти мутобиқ дар ҳисоботи муҳосибии солона ҷалб намоем, агар чунин эзоҳдиҳии ахборот номувофиқ бошад, шакли хулосаи худро тағйир диҳем. Ақидаҳои мо ба далелҳои аудиторие, ки то санаи хулосаи аудитории мо гирифта шудаанд, асос ёфтаанд. Аммо воқеаҳо ё шароитҳо дар оянда метавонанд ба қобилияти давом додани бефосилаи фаъолияти шахси тафтишшаванда таъсир расонанд;

д) ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосибӣ умуман, таркиб ва мазмуни он, бо назардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо ва воқеаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосибӣ ва таъмини боъэтимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.

31 марти соли 2023.
ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хоҷаев Ш.Т.,CIPA
Директори ҶДММ «Аудит Консалтинг»

Иҷозатнома БМТ № 0000123 аз 12 июни соли 2022 аз тарафи Бонки Миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст барои анҷом додани фаъолияти аудиторӣ дар низоми бонкӣ

Иҷозатнома ВМ №0000112 аз 29 январи соли 2018 аз тарафи Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба санаи 31-уми декабри соли 2022

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2021 | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пули | 4.1. | 6 912 228 | 9 325 165 |
| Сандуки қарзии соф | 4.2. | 14 093 833 | 16 978 543 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3. | 1 668 289 | 2 742 441 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.3. | 127 327 | 134 360 |
| Фоизҳо барои гирифтан | 4.4 | 619 990 | 152 543 |
| Гарави гирифташуда барои фуруш | 4.5 | 579 742 | 753 449 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.6. | 217 152 | 231 003 |
| Сармоягузорӣ | 4.7 | 50 000 | 50 000 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **24 268 561** | **30 367 505** |
| **ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.8 | 924 575 | 1 367 350 |
| Қарз аз ташкилоти ғ.бонки | 4.9 | - | 5 400 000 |
| Амонатҳои мизоҷон | 4.10 | 16 730 105 | 16 941 817 |
| **Ҳамаги ухдадорихо** | | **17 654 680** | **23 709 167** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи партохташуда | 4.11 | 6 000 000 | 6 000 000 |
| Захираи умумӣ | 4.12 | 320 045 | 348 031 |
| Дигар захираҳои ташкилот | 4.13 | 252 966 | 252 966 |
| Фоидаи тақсимнашаванда | 4.14 | 40 871 | 57 340 |
| **Ҷамъи сармоя** | | **6 613 882** | **6 658 337** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **24 268 561** | **30 367 505** |

Директор ____________ Файзуллоев М.Х

Сармухосиб ____________ Нуров С.С. .

## ҲИСОБОТ ОИДИ МАҶМӮИ ДАРОМАД

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2022 ба анҷом мерасад

| | Эзоҳ | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизи | 5.1 | 2 412 201 | 2 693 104 |
| Хароҷоти фоизи | 5.1 | (410 683) | (371 626) |
| **Даромади софи фоизӣ то ташакулл (барқарори) ФПТИ** | | **2 001 518** | **2 321 478** |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо | 5.1 | 607 650 | 757 030 |
| Хароҷот аз ташаккули ФПТИ | 5.1 | (725 446) | (527 354) |
| **Даромади софи фоизӣ баъд аз ташакулл (барқарори) ФПТИ** | | **1 883 722** | **2 551 154** |
| Фоида/зарар аз амалиетҳои асъори | 5.1 | 1 043 909 | 3 061 402 |
| Даромад (хароҷот) ғайрифоизи | 5.1 | 2 837 159 | 783 550 |
| Хароҷоти амалиётӣ | 5.1 | (5 392 454) | (5 506 436) |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз фаъолияти амалиёти** | | **(1 511 386)** | **(1 661 484)** |
| **Даромад (хароҷоти) ғайри амалиёти** | **5.1** | **248 667** | **(275 423)** |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **1 001 181** | **837 320** |
| Андоз аз фоида | 5.2 | (470 938) | (231 478) |
| **Фоидаи софи давра** | | **530 243** | **605 842** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| **Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол** | | - | - |
| **Ҳамаги дигар даромади умумӣ** | | - | - |
| **Ҳамаги даромади умумӣ** | | **530 243** | **605 842** |

ҶДММ ТАҚХ «ЗУДАМАЛ» РМА 0110007590 ЕИН/ИИН «Zudamal» LLC MDO ООО МДО «ЗУДАМАЛ» РМА 0100020773 ИНН/ТИН

Директор ________ Файзуллоев М.Х

Сармуҳосиб ________ Нуров С.С. .

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2022 ба анҷом мерасад

| | 2021 | 2022 |
|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | |
| Фоидаи (зарари) соф | 530 242 | 605 842 |
| **Ислоҳи фоидаи (зарари) соф:** | | |
| Истеҳлок | 124 006 | 143 888 |
| Хароҷоти ФПТИ аз рӯи қарзҳо ва дигар дороиҳо | 1 030 064 | 65 376 |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо | (939 944) | (80 302) |
| Хароҷоти ҳисобкунии захира барои рухсатиҳои истифонашуда | 89 276 | - |
| Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда | 8 726 | - |
| Хароҷоти хориҷкунии воситаҳои асосӣ | 9 675 | 216 908 |
| Фоида (зарар) аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | (29 044) | 278 763 |
| **Ҳаракати нақдина то тағйирёбии дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо** | **822 999** | **1 230 475** |
| Тағйиребии дороиҳои гардон ва ӯҳдадорӣ: | | |
| Тағйирёбии сандуқи қарзҳои додашуда | (3 049 715) | (2 986 729) |
| Тағйирёбии пешпардохти андози фоида | (149 716) | (243 188) |
| Тағйирёбии дигар дороиҳои ҷорӣ | (555 355) | (182 383) |
| Тағйирёбии фоизҳо барои гирифтан | 45 979 | (7 033) |
| Тағйирёбии ҳисобҳо барои пардохт | 126 127 | 422 007 |
| Тағйирёбии амонати миҷозон | 3 598 994 | 211 712 |
| Тағйирёбии ҳисобҳо барои пардохт бонкҳои дигар | - | (377) |
| Тағйирёбии дар захираҳои ҳатмӣ | (531 983) | 140 899 |
| Тағйирёбии фоиз барои пардохт | 28 568 | 96 925 |
| Тағьирёбии дигар ӯҳдадориҳо | 334 564 | (76 157) |
| **Ҳаракати соф аз тағйирёбии дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо** | **(152 539)** | **(2 624 323)** |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **670 460** | **(1 393 848)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | (198 627) | (287 364) |
| Хариди дороиҳои ғ.моддӣ | (15 220) | (42 750) |
| Дигар даромадҳо ва хароҷотҳои ғайрипулӣ | - | - |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(213 847)** | **(330 114)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Пардохти суди сахмия | (432 219) | (650 463) |
| Дохилшавии қарзҳо | - | 6 000 000 |
| Пардохти қарзҳо | - | (600 000) |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **(432 219)** | **4 749 537** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **24 394** | **3 025 575** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **5 891 435** | **5 915 829** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | **5 915 829** | **8 941 404** |

Директор ______________ Файзуллоев М.Х

Сармуҳосиб ______________ Нуров С.С. .

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2022 ба анҷом мерасад

| Номгӯи нишондиҳанда | Сармояи пардохта шуда | Фоидаи тақсимна шаванда | Захираи умумӣ | Захираҳои дигари ташкилот | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 01.01. 2021 с.** | **6 000 000** | **454 968** | **297 297** | **252 966** | **7 005 231** |
| Пардохт аз фоида | - | (432 219) | - | - | (432 219) |
| Зиедшавии сармоя | - | (22 748) | 22 748 | - | - |
| Фоидаи софи соли 2021 | - | 530 243 | - | - | 530 243 |
| Тасҳеҳи фоидаи тақсимнашаванда | - | (489 373) | - | - | (489 373) |
| **Бақия ба 31.12. 2021 с.** | **6 000 000** | **40 871** | **320 045** | **252 966** | **6 613 882** |
| Пардохт аз фоида | - | (650 463) | | - | (650 463) |
| Ташкили захираи умумӣ | - | (27 986) | 27 986 | - | 0 |
| Фоидаи софи соли 2022 | - | 605 842 | - | - | 605 842 |
| Тасҳеҳи фоидаи тақсимнашаванда | - | 89 076 | - | - | 89 076 |
| **Бақия ба 31.12. 2022 с.** | **6 000 000** | **57 340** | **348 031** | **252 966** | **6 658 337** |

Директор _______________ Файзуллоев М.Х

Сармуҳосиб _______________ Нуров С.С.